## ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10-уми июни соли 2025, № 1

Барои сазовор донистани Холиқзода Аҳлиддин Юлдошт, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) санаи 3-юми марти соли 2025, суратмаҷлиси №3 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44), ки дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022, таҳти №17/шд таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Холиқзода Аҳлиддин Юлдош 24-уми декабри соли 1989 дар ноҳияи Муминобод дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст.

Холиқзода Аҳлиддин Юлдош соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро дар зинаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси менеҷмент ташкилот хатм кардасст. Соли 2014 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро дар зинаи магистр аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст.

Солҳои 2019-2021 ба ҳайси доктор (PhD) – и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додааст. Айни замон Холиқзода Аҳлиддин Юлдош ба ҳайси муаллими калони кафедраи

молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

- **Қурбонов Абдулҳайт Каримович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**-Комилов Сироҷиддин Ҷамолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**-Шоназарзода Нигора Шоназар**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Тақризи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби эксперт номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ Шоасалов Наимҷон таҳия гардидааст, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷиксистон аз 7 май соли 2025, суратмаҷлиси кафедра № 10 муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муслихова Т.Т. имзо гардида, бо имзои ректори ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А. аз 12 майи соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Холиқзода Аҳлиддин Юлдош ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад.

Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи Холиқзода А. Ю. дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктор (PhD) ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз

он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашргардида:**

1. Холиқзода А.Ю. Таҳлили нишондиҳандаҳои низоми нафақа ва таъминоти иҷтимоӣ// Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2019. №10. Қисми I.-С..99-105.

2. Холиқзода А.Ю. Асосҳои назариявии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шроити бозор//Паёми молия ва иқтисод №4 (32)-2022.-С.128-135.

3. Холиқзода А.Ю. Арзёбии вазъи муосир ва масъалаҳои идоракунии самараноки ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2023. №1. С.87-94.

4. Холиқзода А.Ю. (ҳамуаллифи). Анализ пенсионной системы в условиях рыничной экономики// Журнал Финансовая –Экономика, №11, 2023 г.-Москва-2023г.-С.118-124.

5. Холиқзода А.Ю. Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ// Паёми молия ва иқтисод №4 (43)-2024.-С.178-189.

**Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

1. Холиқзода Аҳлиддин-Ҳиссаи соҳаи саноат дар рушди таъминоти иҷтимоии вилояти Хатлон // Маводи конференссия илмию амалии байналхалқӣ дар мавзуи:«Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар»(13 ноябри соли 2020)// -Кӯлоб.-С.190-193.

2. Холиқзода А.Ю. Механизми пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Точикистон// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии

муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар ҷумҳурии тоҷикистон» (27 марти соли 2021, Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат)-Душанбе.-С.99-103.

3. Холиқзода А.Ю. Нақши занони соҳибкор дар рушди иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии ҷумҳурии тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон// (11 декабри соли 2021)-Кӯлоб.-С.330-335.

4. Холиқзода А.Ю. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракуниии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор// Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ амалӣ дар мавзуи "Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ"( 25-ноябри соли 2022)-Душанбе-2022.-С.462-466.

5. Холиқзода А Ю, Назиров И.А. Мушкилотҳои муосири идоракунии сиёсати молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар// Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш. Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2022)-Душанбе-2022.-С.193-199.

6. Холиқзода А.Ю., Файзиддини З. Присипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир// Маводи конференсияи ҷмхуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ" ( 20-октябри соли 2023,ш.Кӯлоб)-2023.-С.281-285.

7. Холикзода А.Ю. Дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштини самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир» (9-10.06.2023, шаҳри Кӯлоб),-Душабе : 2023.-С.178-182.

8. Холиқзода А.Ю. Таҳлили вазъи кунунии соҳаи иҷтимои дар вилояти Хатлон// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ»(19-20 декабри соли 2023, ш.Кӯлоб)-С.461-465.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

**Бобоҷониён Даврон Додоҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсат бо чунин эродҳо:

1. Дар зербоби 1.3, ки сухан сари масъалаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ меравад, бояд мушаххасан мавриди таҳлил қарор бигирад, то ин

ки кадом таҷрибаи кишварҳо ба шароити кишвари мо хос мебошад ва кадом дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ ва имконпазир аст.

2. Бисёр ба маврид мебуд дар боби сеюми авторферати диссертатсия як ду ҷадвал оиди ояндабинӣ («прогнозные расчеты») низ оварда асоснок намудан лозим буд.

**Ҷумаев Баҳовуддин** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Диссертант дар ҷадвали 1 автореферат, саҳифаи 20 гурӯҳбандии хавфҳои иҷтимоӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар кишварҳои Аврупо –ро мавриди инъикос карда аст, аммо бисёр ба маврид мебуд онро ба таври мушаххас баҳогузорӣ мекард;

2. Маълум аст, ки диссертант дар диссертасияи худ механизми ташкилӣ – иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода аст, аммо ба масъалаи дастгириҳои давлатӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ кам таваҷуҳ кардааст.

**Қодирзода Хуршед Қодир** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо:

Бисёр ба маврид мебуд оиди мавзуи таҳқиқшаванда дар байни аҳолӣ ягон хел пурсишномаҳо гузаронида мешуд ва натиҷаи пурсишномаҳоро дар автореферати диссертатсия ҷой мекард.

**Маҳкамова Чамангул** – номзади илмҳои идтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав чунин эрод:

- Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** методологияи ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир муайян карда шудааст, принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва тамсилаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар заминаи таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ таҳия шуда, заминаҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст, механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудааст,

ошкорсозии роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат, механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шуд;

- **пешниҳод шудааст,** ки таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ танҳо вазифаи давлат набуда, дар ин самт бояд нақши соҳибкорон ва корфармоён, муассисаҳои хайриявӣ, хешу таборони гурӯҳҳои осебпазир назаррас бошад. Аз ин рӯ зарур шуморида мешавад, ки фаъолияти гурӯҳҳои зикргардида ҳамоҳанг карда шуда, вазифаи ҳар яки онҳо дар беҳдоштии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир асоснок карда шавад. Дар асоси ин ақида дар диссертатсия механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод карда шудааст. Дар диссертасия роҳҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ ба воситаи гуногунрангсозии манбаъҳо ва мукамммалгардонии зерсохторҳои таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз сифати ташкили ҳифзи иҷтимоӣ ва қабули чораҳо дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ пешниҳод карда шудаанд;

- **исбот шудааст,** ки ки татбиқи механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум бояд қабули чорабиниҳоро дар самти боз ҳам паст намудани дараҷаи камбизоатӣ, баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат, васеъ гардонидани таркиби сабади истеъмолии аҳолии ниёзмандро низ дар бар гирад. Собит карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун сохтори нисбатан мураккаб баррасӣ гардида, зарурати воқеии ба амал баровардани ислоҳоти алоҳида дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, бо кор таъмин намудан, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ асоснок карда шудааст;

- **асоснок карда шудааст,** ки роҳҳои беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ ба воситаи гуногунрангсозии манбаъҳо ва мукамммалгардонии зерсохторҳои таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз сифати ташкили ҳифзи

иҷтимоӣ ва қабули чораҳо дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ба рошҷ монда мешавад.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

**-ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба моҳияти назариявии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир равона шудааст, ташкил медиҳанд;

**-методҳои гуногуни** – ба мисли абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣ ва ғ. истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб карда шуд, ки тибқи он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сохта шудааст;

**-дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқарраროти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодии он дар замони муосир, арзёбии заминаҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва механизми ташкилӣ идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамсилаҳои муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муайян карда шуда, имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст;

**- асосҳои консептуалӣ** ва принсипҳои илмии воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа ироа шудааст;

- **бори аввал** моҳияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ҳамчун маҷмӯи механизмҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва барномаҳо арзёбӣ карда шудааст, ки ба ҳифзи пурраи ҳуқуқу манфиатҳои табақаҳои осебпазири аҳолӣ, таъмини сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули зиндагии аҳолӣ дар шароити мушаххаси рушди иҷтимоӣ равона карда шудааст;

-**заминаҳои консептуалии** механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, самтҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, инчунин тавсияҳои методӣ оид ба беҳтар

намудани шароит ва низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ асоснок шудаанд;

- **аз нав такмил додани механизми** ташкилӣ-идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия шуда, вазифаҳои асосии барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар самти ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир тавсияҳои асоснок пешниҳод гардидааст;

- **ҷиҳатҳои назариявии** идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир муқаррар карда шуда, шарҳи мафҳуми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун раванди махсуси таъсиррасонии мақсадноки мақомати салоҳиятдори давлат дар равандҳои банақшагирӣ, ташкил, роҳандозӣ ва назорати фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии дар ин раванд ба вуҷудоянда шарҳ дода шудааст;

- **таҳияи асосҳои** методологии таҳқиқот ба равишҳои маҷмӯӣ ва системавии ҳангоми омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди низомҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар умум, инчунин, дар ҷудосозии он ба зерсохторҳои алоҳида, аз қабили таъминоти иҷтимоии пиронсолон, кӯдакон ва ниёзмандон асос мегирад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **аҳаммияти амалии таҳқиқоти** анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро ҳангоми таҳияи барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми расонидани кумаки иҷтимоӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои шуғл, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назоратии давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияҳои маблағгузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти бахши муаасисаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти методологию назариявии** гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун манбаи иттилоот барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ баромад намуда, муқарраротӣ назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба

самаранокии механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои иқтисодии дар ин раванд бавуҷудоянда мавриди истифода қарор гирифта шаванд;

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд**: коркардҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба ташаккул ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди роҳҳои мукаммалгадонии он ҳангоми тадриси фанҳои «Менеҷмент», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат» ва ғайра (Санади № 6 аз 15. 01. 2024), инчунин нуқтаҳо ва баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 12/3-1 аз 08.01.2024), мавриди истифода ва тадбиқ қарор гирифтаанд;

- **таҳияи модели нави** муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар ва имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд;

- **истифодаи муқаррароти** назариявӣ ва методии кор ҳангоми таълими фанҳои «Менеҷмент», «Менеҷменти иҷтимоӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат», инчунин дар корҳои илмии унвонҷӯёну докторантон истифода шаванд;

- асосноккунии механизми ташкилӣ-идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия шуда, вазифаҳои асосии барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар самти ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир ошкор карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- асосноккунии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар соҳа эҷодкорона истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд;

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо

истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст;

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф шахсан анҷом дода шуда, интихоби усули тадқиқот, ҳалли масъалаҳо ва ҳисобҳо мустақилона анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар банизмодарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, вазъи муосир ва тамоюли инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси онҳо хулосаҳои илмӣ таҳия намуда, дар мақолаҳои илмӣ чоп кардааст;

- натиҷаҳои назариявӣ-методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд;
- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 6,09 ҷ.ч., аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2019-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 аз санаи 10-уми июни соли 2025 барои сазовор донистани Холиқзода Аҳлиддин Юлдош ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд, 11 нафар овоз доданд. Натиҷа: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ, д.и.и. Бобозода К.О.

«10» июни соли 2025